«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент
__________ Сатторзода Б.А.
«__07__» __________ 2025 сол

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Каримзода Хуршед Сафомудин дар мавзуи «Масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқии муомилоти сарватҳои асъорӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Каримзода Хуршед Сафомудин дар мавзуи «Масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқии муомилоти сарватҳои асъорӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, пешниҳод шудааст, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми январи соли 2022, таҳти №16/шд, ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Танзими асъор дар низоми ҳуқуқӣ мавқеи калидӣ доранд, зеро онҳо маҷмуи мураккаб ва бисёрсатҳаи муносибатҳои иқтисодӣ ва ҳуқуқиро доро мебошанд. Ҷанбаи ҳуқуқи мадании муносибатҳои асъорӣ дар танзими амалиёти молумулкӣ байни субъектҳои иқтисодӣ зоҳир мегардад. Чунин муносибатҳо соҳибӣ, истифода ва

ихтиёрдории арзишҳои асъориро, инчунин ҳолатҳои муомилоти пули миллӣ ва коғазҳои қиматноки давлатиро дар бар мегиранд. Аз нуқтаи назари тахассуси ҳуқуқӣ, ин муносибатҳо хусусияти молумулкӣ дошта, тибқи қонунгузории маданӣ танзим мешаванд. Дар ин ҷо унсурҳои калидии танзими асъор "амалиётҳои асъорӣ" ва "муомилоти асъорӣ" мебошанд, ки дар онҳо ҳам резидентҳо ва ҳам ғайрирезидентҳо иштирок мекунанд.

Пояи ҳуқуқии танзими асъор тағйироти назаррасеро ба худ дидааст, ки ба такмили низоми муомилоти арзишҳои асъорӣ нигаронида шудаанд. Аз ҷумла, ба КМ ҶТ муқаррарот дар бораи усулҳои нави таъмини уҳдадориҳо, аз ҷумла гарав гирифтани ҳуқуқҳо тибқи шартномаҳои бонкӣ, ворид карда шуданд. Тағйирот инчунин ба таснифи воситаҳои пулӣ дахл дошт: пули накд ҳамчун дороии моддӣ эътироф шуд, дар ҳоле ки пули ғайринакдӣ ҳамчун ҳуқуқи молумулкӣ.Ислоҳоти қонунгузории асъор ба бекор кардани як қатор маҳдудиятҳо оид ба ҳаракати сармоя, захираҳои захиравӣ ва дигар ҷанбаҳои муомилоти асъор оварда расонд. Аз ин рӯ, таҳқиқоти илмӣ дар самти омӯзиши ин намуди муносибатҳо, такмили қонунгузори асъор ва механизмҳои мубориза бар зидди қонуншиканиҳо ва таъмини бехатарии муомилоти сарватҳои асъорӣ аҳаммияти калони иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ва сиёсию ҳуқуқиро доро мебошад. Дар ин замина, анҷом додани таҳқиқот ва омӯзиши амиқи ин мавзуъ дар доираи қонунгузории соҳибкорӣ ва мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳад, ки норасоиҳои қонунгузории соҳибкорӣ ва маданӣ дар ин самт муайян карда шуда, бехатарии муомилоти сарватҳои асъорӣ ҳамчун як унсури муҳимми устувор ва рушди ҷомеаи муосир таъмин гардад.

Бояд зикр намуд, ки новобаста аз гузаронидани баъзе таҳлилҳо ва таҳқиқоти анҷомёфта, ҳоло дар ин самт масъалаҳои зиёди ҳалношуда боқӣ мондаанд, ки омӯзиш ва таҳқиқи иловагиро тақозо менамоянд. Аз ҷумла, масъалаҳои ҷиддӣ дар самти таснифи сарватҳои асъорӣ ҳамчун

объекти ҳуқуқи маданӣ, истифода ва шарҳи мафҳумҳои ҳуқуқие, ки вобаста ба мазуи мазкур дар кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ истифода шудаанд, боқӣ мондаанд. Норасоӣ ва норавшании мафҳумҳо метавонанд дар амалия мушкилиҳои зиёдеро вобаста ба муомилоти сарватҳои асъорӣ ба вуҷуд оранд. Аз ин рӯ, таҳқиқоти амиқи илмӣ ва амалии масъалаҳои мазкур аҳаммияти баланди ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ дошта, барои тақвият ва мукаммал сохтани низоми мубориза ба қонуншиканиҳо дар бахши муомилоти сарватҳои асъорӣ мусоидати назаррас менамояд.

Вобаста ба ин, диссертатсияи Каримзода Хуршед Сафомудин дар мавзуи «Масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқии муомилоти сарватҳои асъорӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҳам аз нигоҳи назариявӣ ва ҳам амалӣ муҳим ба ҳисоб меравад.

**Дараҷаи асоснокии гузориши илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудааст.** Дараҷаи асоснокии гузориши илмӣ, хулосаю пешниҳодҳои диссертатсияи Каримзода Хуршед Сафомудин дар мавзуи «Масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқии муомилоти сарватҳои асъорӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» арзишманд буда, натиҷаҳои он аз таҳлили ҳамаҷонибаи қонунгузории соҳибкорӣ, маданӣ ва адабиёти илмӣ бар меоянд. Дар кори мазкур, бо истифода аз методҳои диалектикӣ, мантиқию забоншиносӣ, оморӣ, расмию ҳуқуқӣ, муқоисавии ҳуқуқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ хусусиятҳои назариявӣ ва амалии масъалаҳои асосии муомилоти сарватҳои сарватҳои асъорӣ баррасӣ шуда, масъалаҳои муҳимми ҳуқуқӣ-маданӣ ошкор ва таҳқиқ гардидаанд.

Дар диссертатсия бори аввал таҳқиқоти мукаммали илмӣ оид ба масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқии муомилоти сарватҳои асъорӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуда, хусусиятҳои асосии ин муносибатҳо дар асоси таҳлили қонунгузории соҳибкорӣ ва мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷрибаи қонунгузории кишварҳои

хориҷӣ ва санадҳои байналмилалӣ омӯхта шудаанд.

Муаллиф бо далелҳои муътамади илмию таҷрибавӣ пешниҳод кардааст, ки зарурати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни ҶТ "Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор" ба миён омадааст. Хусусан, пешниҳод шудааст, ки мафҳумҳои калидӣ ва истилоҳоти ҳуқуқие, ки дар Қонуни ҶТ "Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор" истифода шудаанд, дақиқ карда шаванд. Ҳамзамон, дар кори мазкур пешниҳодҳои мушаххас барои такмили Қонуни ҶТ "Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор" дар самти амалинамоии муомилоти сарватҳои асъорӣ ва муайян кардани субъектҳои ин муносибатҳо асоснок ва пешниҳод шудааст.

Хулосаю пешниҳодҳои муаллиф бо таҳлили илмӣ ва маводи кофии амалии ҷамъшуда асоснок гардида, боиси баланд бардоштани самаранокии қонунгузории танзими асъор ва назорати асъор дар ҳифзи муомилоти сарватҳои асъорӣ хоҳанд шуд. Аз ин рӯ, натиҷаҳои кори мазкур ҳам барои илм ва ҳам барои амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ аҳаммияти муҳим доранд.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳияти натиҷаҳои гирифташуда.**

Навгонии илмии таҳқиқоти мазкур, пеш аз ҳама, дар он ифода меёбад, ки бори аввал дар сатҳи илмӣ-ҳуқуқӣ масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқии муомилоти сарватҳои асъорӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври комплексӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Дар раванди таҳқиқ мафҳумҳои калидии дар Қонуни ҶТ "Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор" пешбинишуда бар таҳлили адабиётҳои илмӣ ва таҷрибаи давлатҳои пасошуравию хориҷӣ омӯхта, дақиқ ва таълиф шудаанд. Инчунин бори аввал дар таҳқиқоти мазкур зарурати такмил додани моддаи 8.1 Қонуни ҶТ "Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор" бо далелҳои назариявӣ ва амалии дахлдор исбот шудааст.

Дар диссертатсия вобаста ба мавзуи баррасишаванда масъалаҳои

зерини муҳимми назариявию амалӣ мавриди таҳқиқи амиқ қарор дода шудаанд:

– дар асоси таҳлили адабиёти илмӣ мафҳумҳои асосии дар моддаи 8.1 Қонуни ҶТ “Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор” истифода гардида, мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шуда, мафҳумҳои нави ин истилоҳ таълиф гардидаанд.;

– таҳлили муқоисавии қонунгузории танзими асъор ва назорати асъор оид ба масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқии муомилоти сарватҳои асъорӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи қонунгузории асъории давлаҳои пасошуравӣ ва дигар кишварҳои хориҷӣ анҷом дода шудааст;

– дар хусуси муайян намудани мафҳуми асъор, субъекти муносибатҳои асъор ва муомилоти сарватҳои асъорӣ пешниҳодҳои мушаххас таҳия ва асоснок шудаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқ дар нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва хулосаҳо таҷассум ёфтаанд, ки метавонанд, дар такмил додани меъёрҳои Қонуни ҶТ “Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор” вобаста ба масъалаҳои асосии танзими хуқуқии муомилоти сарватҳои асъорӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шаванд.

Саҳеҳияти натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур бо истифода аз маҷмуи методҳои илмии санҷидашуда, аз он ҷумла, диалектикӣ, мантиқию забоншиносӣ, оморӣ, расмию ҳуқуқӣ, муқоисавии ҳуқуқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ таъмин гардидааст.

Хулосаҳои илмии муаллиф ба таҳқиқоти ҳамаҷонибаи илмии мавзуъ ва таҷрибаи ҳуқуқтатбиққунӣ асос ёфта, далелҳои дар диссертатсия овардашуда аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ комилан боэътимод мебошад.

Ҳамин тариқ, навгонии илмӣ ва саҳеҳияти натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур заминаи устувори назариявию амалӣ дошта, барои рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи соҳибкорӣ, маданӣ ва такмили қонунгузории ин

бахш дар самти танзими ҳуқуқии муомилоти сарватҳои асъорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти назаррас дорад.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои диссертатсияи мазкур ба рушди назарраси ҳуқуқи соҳибкорӣ ва маданӣ, бахусус дар самти омӯзиши масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқии муомилоти сарватҳои асъорӣ мусоидат менамояд. Дар ин таҳқиқот барои аввалин бор дар сатҳи илмӣ-ҳуқуқӣ масъалаҳои мубрами ин самт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври комплексӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, мафҳумҳои калидӣ таҳқиқ ва мукаммал гардидаанд, ки барои корҳои минбаъдаи илмӣ дар ин соҳа заминаи назаррас мегузоранд.

Натиҷаҳои таҳқиқ имкон медиҳанд, ки фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии мақомотҳои давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон беҳтар ва самараноктар шаванд. Пешниҳодҳои мушаххаси муаллиф ҷиҳати такмил додани моддаи 8.1 Қонуни ҶТ “Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор” барои дурусту яксон татбиқ кардани қонун мусоидат намуда метавонад.

Натиҷаҳои бадастомада ба таъмини устувории муомилоти сарватҳои асъорӣ ва баланд бардоштани боварии ҷомеа ба қонун ва мақомоти давлатӣ мусоидат мекунанд. Такмили механизмҳои ҳуқуқӣ барои ҳифзи ҳуқуқҳои шаҳрвандон дар фазои муомилотӣ бехатариро таҳким бахшида, боиси коҳиши эҳтимоли поймол шудани ҳуқуқу манфиатҳои шахсӣ мегардад.

Ҳамин тавр, натиҷаҳои диссертатсия аҳаммияти ҳамаҷонибаи илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дошта, барои рушди устувори ҷомеа ва давлат нақши назаррас мегузорад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.**

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо истифодаи методҳои илмии санҷидашуда, аз ҷумла, диалектикӣ, мантиқию забоншиносӣ, оморӣ,

расмию ҳуқуқӣ, муқоисавии ҳуқуқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ таъмин карда шудааст. Муаллиф ба таҳлили маводҳои воқеӣ ва таҷрибаи ҳуқуқтатбиқкунии солҳои 2021-2025 такя намудааст, ки асоси боэътимоди эмпирикиро барои натиҷаҳо ва хулосаҳо ташкил медиҳад.

Дурустии натиҷаҳои бадастомада бо истифодаи манбаъҳои боэътимоди илмӣ ва таҷрибавӣ, ба монанди адабиёти илмии ватанию хориҷӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, қонунгузории Тоҷикистон ва кишварҳои хориҷӣ тасдиқ гардидааст. Таҳлили амиқи натиҷаҳои бадастомада имкон медиҳад, ки натиҷаҳо бо далелҳои воқеӣ тасдиқ гардида, аз нуқтаи назари илмӣ ва ҳуқуқӣ ба таври пурра дуруст бошанд.

Асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот дар он ифода ёфтааст, ки муаллиф бо истифода аз таҳлили ҳамаҷониба, далелҳои ҳуқуқӣ ва амалияи воқеӣ пешниҳодҳои мушаххаси назариявию амалиро барои такмил додани қонунгузории соҳибкорӣ ва маданӣ таҳия кардааст. Ҳар як хулоса ва пешниҳодҳои муаллиф бо далелҳои боэътимоди илмӣ, таҳлили мантиқӣ ва таҷрибаи воқеии ҳуқуқтатбиқкунӣ асоснок гардида, барои татбиқ дар қонунгузорӣ ва фаъолияти мақомоти танзими асъор ва назорати асъор заминаи кофӣ доранд.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур бо дараҷаи баланди эътимоднокӣ, дурустӣ ва асоснокии илмӣ ва амалӣ фарқ карда, барои истифода дар фаъолияти илмӣ, ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиқкунӣ мувофиқ ва судманд мебошанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ Каримзода Хуршед Сафомудин дар таҳқиқоти диссертатсионӣ аз сатҳи баланди навгонии илмии кор, масъалагузории илмӣ ва услуби навишти диссертатсия пурра тасдиқ мегардад. Ҳамаи нуқтаҳои асосии илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, аз тарафи муаллиф коркард ва асоснок гардидаанд.

Саҳми шахсии муаллиф дар таҳқиқоти мазкур, махсусан, дар таълифи мафҳумҳои нави ҳуқуқие, ки дар Қонуни ҶТ “Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор” истифода мешаванд, таҳияи пешниҳодҳои мушаххас ҷиҳати такмили моддаи 8.1. қонуни мазкур, муайян намудани муомилотҳое, ки камтар ба созишномаҳои асъорӣ алоқамананданд, муомилотҳое, ки омили нарх дар онҳо мавқеи аввалро ишғол мекунад ва муомилотҳое, ки тавассути онҳо захираҳои асъорӣ нақши санадҳои пардохтиро иҷро мекунанд ифода ёфтааст.

Илова бар ин, саҳми шахсии муаллиф дар мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ зоҳир мегардад, ки бори дигар арзиши амалии натиҷаҳои таҳқиқоти мазкурро нишон медиҳанд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.**

Нуктаҳои асосии таҳқиқоти мазкур дар 1 воситаи таълимӣ, 13 мақолаи илмӣ инъикос гардида, ба баррасии паҳлуҳои гуногуни масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқии муомилоти сарватҳои асъорӣ бахшида шудаанд. Аз ҷумла, 4 мақола дар маҷаллаҳои илмие нашр гардидаанд, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои интишор тавсия шудаанд. Дар ин нашрияҳо натиҷаҳои калидӣ, хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои пешниҳодкардаи унвонҷӯ ба таври мушаххас ва возеҳ баён ёфтаанд. Аз ҷумла:

1. Каримов Х.С. Табиати ҳуқуқии муомилоти мадании сарватҳои асъорӣ [Матн] / Х. С. Каримов // Маҷаллаи илмӣ-иттилоотии ҳаёти ҳуқуқӣ. – Душанбе, 2020. – №4 (23). – С. 174-178; ISSN 2307 – 5198.

2. Каримов Х.С. Доир ба баъзе масъалаҳои мафҳум ва мавзуи ҳуқуқи асъор [Матн] / Х. С. Каримов // Маҷаллаи илмӣ-амалии давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – Душанбе, 2022. – №3 (27). – С.190-198; ISSN 2414 – 9217.

3. Мансурӣ Ш.Ҷ., Каримов Х.С. Маҳмашарифзода А.М. Дар бораи

мафҳум ва таснифоти уҳдадориҳои пулӣ [Матн] / Ш.Ҷ., Мансуров, Х.С. Каримов, А.М. Маҳмашарифзода // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – Душанбе, 2023. – №1(45). – С.134-138; ISSN –2305-0535.

4. Мирзозода П.З., Каримов Х.С. Омилҳои молу мулкию ҳуқуқии муомилоти мадании сарватҳои асъорӣ [Матн] / П.З. Мирзозода, Х.С. Каримов// Маҷаллаи илмӣ-иттилоотии ҳаёти ҳуқуқӣ. – Душанбе, 2024. – №2 (46). – С.81-90; ISSN 2307 – 5198.

Теъдоди маводди чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расонидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Дар муқаддимаи кори мазкур аҳаммияти илмӣ ва амалии мавзуъ ба таври мушаххас асоснок гардида, сатҳи таҳқиқоти мавзуъ дар адабиёти илмӣ арзёбӣ шудааст. Дар баробари ин, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, объект ва мавзуи асосии он муайян гардида, асосҳои назариявӣ ва методологии он дақиқ карда шудаанд. Инчунин, заминаҳои эмпирикии таҳқиқот ва унсурҳои навгонии илмии мавзуи таҳқиқшуда ба таври мушаххас нишон дода шудаанд.

Нақша ва сохтори диссертатсия тавре таҳия шудаанд, ки маҷмуи масъалаҳои муҳим ва заруриро барои ҳалли мавзуи таҳқиқшаванда дар бар мегиранд.

**Сохтори рисолаи илмӣ** бо назардошти мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, аз номгӯйи ихисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат буда, ҳаҷми умумии диссертатсия 211 саҳифаро дар бар мегирад.

**Дар боби якум** – “Моҳияти сарватҳои асъорӣ ва табиати ҳуқуқии

муомилоти мадании он” муаллиф моҳият ва табиати ҳуқуқии муомилоти мадании сарватҳои асъориро мавриди таҳқиқ қарор дода, таваҷҷуҳи махсус ба масъалаҳои назариявӣ ва амалии муайян кардани мафҳуми асъор, инчунин, муомилоти мадании равона намудааст. Бо таҳлили доираи васеъи адабиётҳо ва андешаҳои олимони гуногун муаллиф баён медорад, ки “зери мафҳуми сарватҳои асъорӣ мебояд молу мулке, ки метавонад вазифаи васоити мубодиларо ба хотири аҳаммияти мутлақи мусбат баҳри субъектҳои ҳуқуқи мадании, ки ба он бо ҳуқуқи амалкунанда равона мегардад, иҷро намояд, фаҳмида шавад”. Дар қонунгузорӣ танҳо ба номбаркунии низоми сарватҳои асъорӣ ишора шудааст ва худи мафҳуми сарватҳои асъорӣ дар муқаррароти қонун ҷой надорад ва қобили қабул мешуморад, ки чунин мафҳуми сарватҳои асъорӣ қайд гардида мавриди истифода қарор гирад (саҳ. 38).

Дар доираи боби мазкур муаллиф инчунин табиати ҳуқуқии муомилоти мадании сарватҳои асъориро баррасӣ ва таҳлил намуда, ба таври асоснок баён медорад, ки муомилоти асъорӣ амалиётҳоеро дар бар мегиранд, ки ба иҷро ё қатъи уҳдадориҳои марбут ба сарватҳои асъорӣ, истифодаи онҳо ҳамчун воситаи пардохт, инчунин ба интиқоли ҳуқуқи моликият ба сарватҳои асъорӣ, воридот ё содироти онҳо аз ҳудуди Тоҷикистон нигаронида шудаанд (саҳ. 71). Муаллиф бо истифода аз таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории давлатҳои хориҷӣ низоми муомилотҳои асъориро равшан намуда, зарурати такмили қонунгузории миллӣ дар самти мазкурро асоснок кардааст.

Боби 2 бо номгузории “Асосҳо ва омилҳои муомилоти мадании сарватҳои асъорӣ” ба таҳқиқи ҳамаҷонибаи заминаҳои ҳуқуқии муомилоти мадании сарватҳои асъорӣ ва омилҳои молу мулкии он бахшида шудааст.

Дар ин боб муаллиф ба таври ҳамаҷониба ба омӯзиши асосҳои ҳуқуқие, ки дар заминаи муомилоти сарватҳои асъорӣ қарор доранд,

инчунин ҷанбаҳои молумулкӣ ва ҳуқуқие, ки динамикаи муомилоти мадании онҳоро муайян мекунанд, таҳлил намуда, бо истифода аз маводи назариявӣ ва амалии мавҷуда, масъалаҳои муҳимро баррасӣ намудааст. Дар рафти таҳқиқ муаллиф, аввалан, заминаҳои ҳуқуқии муомилоти мадании сарватҳои асъориро муайян намуда, низомбандии онҳоро нишон додааст. Муаллиф ба таври асоснок таъкид намудааст, "қонунгузории асъор низоми ягонаи санадҳои меъёрии ҳуқуқиест, ки муомилоти сарватҳои асъориро танзим мекунад. Ин низом аз қонунҳои миллӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ ва санадҳои байналмилалии эътирофшудаи Тоҷикистон иборат аст" (саҳ. 81).

Муаллиф қайд мекунад, ки ба сифати заминаи зарурии муомилоти мадании сарватҳои асъорӣ, ба мисли шаклҳои алоҳидаи он ҳуқуқҳои ашёӣ баромад мекунанд. Ин бо он асоснок карда мешавад, ки худи муомилот танҳо ба шарте сурат мегирад, ки вақт ва шароит барои азхудкунии арзишҳои асъорӣ фароҳам оварда шавад. Ҳуқуқи маданӣ муносибатҳои ашёии маданиро, ки объекташон арзишҳои асъорианд, танзим менамояд. Ҳамин тариқ, меъёри ягонаи қ. 2, м. 150 КМ ҶТ муқаррар менамояд, ки ҳуқуқи моликият ба арзишҳои асъорӣ дар ҶТ тибқи асосҳои умумӣ ҳимоя мешавад.

Дар натиҷаи таҳлили ҳуқуқҳои ашёӣ вобаста ба инъикоси таъйиноти иқтисодии худ хусусияти арзишнокиро таҷассум мекунад. Мувофиқи қ. 3 м. 138 КМ ҶТ пул (асъор) ашёи манқул дониста шуда, арзиш дорад ва объекти ҳуқуқи ашё мебошад. Дар шартномаҳои ("Пасандози бонкӣ" ва "Суратҳисоби бонкӣ") ҳуқуқҳои амонатгузор ва молики суратҳисоб бо маблағҳои пулӣ алоқаманд мебошад, ки онҳо арзиш доранд (саҳ. 101).

Дар боби 3 – "Уҳдадориҳо оид ба сарватҳои асъорӣ ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни он" хусусиятҳои ин уҳдадориҳо ба таври ҳамаҷониба мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Дар асоси таҳлили қонунгузорӣ уҳдадориҳои пулӣ дар низоми ҳуқуқи маданӣ яке аз

шаклҳои муҳимми муносибатҳои молумулкӣ ба ҳисоб мераванд. Онҳо муносибатҳоеро дар бар мегиранд, ки дар онҳо як тараф (қарздор) вазифадор аст ба тарафи дигар (кредитор) маблағи муайяни пулро пардохт намояд. Ин уҳдадориҳо метавонанд аз манбаъҳои гуногун, аз қабили шартномаҳо, зарар расонидан, ғаниматгирии ноҳақ ё муқаррароти қонун пайдо шаванд. Хусусияти асосии уҳдадориҳои пулӣ дар он аст, ки онҳо бо арзиши молиявии муайян ифода ёфта, ба гардиши иқтисодӣ мусоидат мекунанд. Ҳамзамон, оид ба масъалаи такмили қонунгузорӣ ва уҳдадориҳо оид ба сарватҳои асъорӣ ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни он пешниҳодҳои мушаххас манзур гардидаанд.

Муаллифи рисола дар мавриди таҳлили уҳдадориҳо қайд менамояд уҳдадориҳои асъорӣ дар асоси қонунҳо, созишномаҳо ё амалҳои тарафҳо ба миён меоянд, ки ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳоро ба таври возеҳ муқаррар мекунанд.

Вобаста ба масъалаҳои уҳдададориҳои оид ба сарватҳои асъорӣ ду равиш ба фаҳмиши уҳдадориҳои асъориро фарқ мекунад: маҳдуд ва васеъ. Дар маҷмуъ, ҳар ду равиш – маҳдуд ва васеъ ба натиҷаи муштараки уҳдадориҳои асъорӣ тасниф шудаанд. Бо вуҷуди ин, равиши маҳдуд, сарфи назар аз хусусияти мушаххаси худ, барои муҳити тиҷоратӣ афзалтар аст, зеро шаффофият ва пайдарҳамии шариконро таъмин мекунад. Равиши васеъ, дар айни замон, ба воқеият наздиктар аст, зеро захираҳои асъорӣ на танҳо манбаи асосии муомилоти хусусӣ, балки афзалияти мустақили давлат аз ҷиҳати истифодаи маблағҳои давлатӣ ва муқовимат бо қаллобии молиявӣ мебошанд.

Ҳангоми таҳлили ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои иштирокчиёни муомилоти мадании сарватҳои асъорӣ муаллиф махсус ба низоме, ки ҳифзи боэътимоди ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии тамоми шахсон ва созмонҳои иштироккунанда дар равандҳои муомилоти захираҳои

асъориро кафолат медиҳад, таваҷҷуҳ зоҳир намудааст. Зикр мешавад, ки ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои иштирокчиёни муомилоти маданӣ, ки бо сарватҳои асъорӣ алоқамананданд, тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории ҶТ, бахусус қонунгузории маданӣ ва соҳибкорӣ, танзим карда мешавад. Ин ҳифз тавассути татбиқи меъёрҳо, воситаҳо ва механизмҳои мувофиқи ҳуқуқӣ амалӣ мегардад. Дар ин замина, ҳимояи ҳам манфиатҳои ҷамъиятӣ ва ҳам манфиатҳои хусусӣ, ки ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дахл доранд, мавриди таваҷҷуҳ қарор мегирад. Ин муносибатҳо бо қонунгузории махсуси соҳавӣ, аз ҷумла қонунҳои марбут ба танзими асъор, идора карда мешаванд (саҳ. 149).

Дар анҷоми таҳқиқоти худ, муаллиф пешниҳодҳои мушаххасро оид ба такмили қонунгузории ҶТ “Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор” бо дарназардошти хусусиятҳои муносибатҳо оид ба муомилоти сарватҳои асъорӣ манзур намудааст.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Диссертатсияи Каримзода Хуршед Сафомудин дар мавзуи «Масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқии муомилоти сарватҳои асъорӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба талаботи қарои Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз аз 30-юми сентябри соли 2021, таҳти №7 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Тахассуси илмии Каримзода Хуршед Сафомудин ба ихтисоси илмии дархостшаванда – 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мувофиқат мекунад. Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ин ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Новобаста аз

дастоварду муваффақиятҳо ва пешниҳодҳои ҳадафмандона диссертатсияи мазкур аз камбудиҳо ва масъалаҳои баҳснок холи нест. Аз ҷумла:

1. Дар зербоби 1 боби якум муаллиф пешниҳод мекунад, ки "Асъор ҳамчун воситаи универсалии пардохт муайян карда мешавад, ки барои мубодила ба молҳо (хизматҳо) ва пардохти уҳдадориҳои қарзӣ истифода мешавад". Оё пешниҳоди мазкур ба устуворӣ ва муомилотпазирии пули миллӣ, яъне сомонӣ таъсир намерасонад. Дигар ин ки то чи андоза ин пешниҳод хусусияти навгонӣ дорад?

2. Муаллиф дар саҳифаи 49 диссертатсия менависад, ки "Таҳлили муқаррароти қонунгузорӣ ва андешаҳои олимон дар бораи мафҳуми асъор нишон медиҳад, ки дар таркиби мафҳуми асъор хусусиятҳои зерин ифода ёфтааст: якум, асъор воҳиди пулии давлати хориҷа мебошад; дуюм, асъор як навъи моликият аст; сеюм, асъори хориҷии нақдӣ ашёи ивазшаванда аст; чорум, истифоданамоии асъори хориҷӣ маҳз ба сифати васоити пардохт муайян карда мешавад; панҷум, асъор моли махсус аст; шашум, дар истифодании бо чораҳои маҳдудкунанда ифода меёбад". Оё муқаррароти мазкур таърифи аз ҳад зиёди асъорро нишондиҳанда нест?

3. Муаллиф дар саҳифаи 53 диссертатсия менависад, ки "Коғазҳои қиматнок дорои хусусиятҳои зерин мебошанд, ки онҳоро аз пул фарқ мекунанд: а) иштирок дар ҳисоббаробаркунӣ – қоғазҳои қиматнок метавонанд ҳамчун воситаи пардохт дар муомилот истифода шаванд; б) табдил ба пул – дар ҳолатҳои зарурӣ, онҳо метавонанд ба маблағи нақд мубаддал гарданд; в) кафолати молиявӣ – онҳо метавонанд ҳамчун замонат дар муносибатҳои қарзӣ хизмат кунанд; г) интиқол ба мерос – коғазҳои қиматнок метавонанд барои муддати тулонӣ ё бемуҳлат ҳамчун мерос ба наслҳо дода шаванд". Дар ин маврид хусусиятҳои номбаршуда ба коғазҳои қиматноке, ки бо пули миллӣ ифода ёфта ё бо асъори хориҷӣ ишора шудааст?

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраршуда барои

дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ таҳия гардида, мазмуни асосии кори таҳқиқро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назаррасӣ илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия. Хулосаи диссертатсияи Каримзода Хуршед Сафомудин** дар мавзуи «Масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқии муомилоти сарватҳои асъорӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад. Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ сазовор мебошад

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Диссертатсия ва автореферат дар семинари васеи илмӣ-назариявии кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Суратҷаласаи семинари васеи илмӣ-назариявӣ таҳти №11 аз 28 июли соли 2025.

Тақризи муассисаи пешбар аз ҷониби Бобозода Ҷ.Қ. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ (аз рӯйи ихтисоси 12.00.08), мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионӣ таҳия гардида дар ҷаласаи кафедра баррасӣ, муҳокима ва ҷонибдорӣ шудааст. Дар ҷаласаи кафедра аз 14 нафар иштирок доштанд: 12 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ:

“тарафдор” – 12, “зид” – нест, “бетараф” – нест. Суратҷаласаи кафедра таҳти №11 аз 30 июли соли 2025.

Раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ:
Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти
кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ
ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи
давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Оралбоев Х.Х.

**Ташхисгар:**
Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мудири кафедраи ҳуқуқи
иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи
давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Бобозода Ҷ.Қ.

**Котиби ҷаласа:**
асисстенти кафедраи ҳуқуқи
иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди
Тоҷикистон: Эраҷи М.

Имзои Бобозода Ҷ.Қ., Оралбоев Х.Х. ва котиби ҷаласа Эраҷи М.-ро тасдиқ менамоям:

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди
Тоҷикистон: Мирҷамолов М.А.

Суроға: 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.
Телефон: +992 (37) 231-02-01.
E-mail: tgfeu@tgfeu.tj.

“31” 07 соли 2025.